**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**Суроға: 734025, ш. Душанбе, маҳаллаи**
**Буни Ҳисорак, Шаҳраки донишҷӯён,**
**бинои таълимии 7, ауд. 102**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Каримиён Мадинаи Баҳодур дар мавзуи «Рушди методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) - доктор аз рӯйи ихтисос, ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) пешниҳод шудааст**

Ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ, ки аллакай зиёда аз ду даҳсола дар мамлакат идома дорад, ба аксари ҳадафҳои худ ноил гардид. Вале ҳануз масъалаҳои ҳалталаб ва мушкилот дар баҳисобгирии муҳосибӣ вобаста ба татбиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ), ки ҳамчун ҳадафи асосии ислоҳот муқаррар карда шудааст, зиёд мебошанд.

Яке аз бахшҳои муҳими баҳисобгирии муҳосибӣ, ки дар шароити татбиқи СБҲМ дар он мушкилот бештар ба назар мерасад, баҳисобгирии воситаҳои асосӣ мебошад. Имрӯз вазни қиёсии воситаҳои асосӣ дар таркиби дороиҳои тавозуни муҳосибии корхонаҳои тиҷоратӣ калон буда, самаранокии истифодабарии онҳо ба натиҷаҳои молиявии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ таъсири назаррас мерасонад. Дар баробари ин, муқаррароти СБҲМ ба тартиби омодасозии иттилоот оид ба воситаҳои асосӣ ва дар ҳисоботи молиявӣ ифшо намудани он талаботи ҷиддӣ пешниҳод менамоянд.

Амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чун анъана бештар ба қоидаҳои миллии андозбандӣ нигарон аст, на ба қоидаҳои СБҲМ. Бинобар ин, корхонаҳои тиҷоратӣ ҳангоми пешбурди баҳисобгирии воситаҳои асосӣ ба муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон такя мекунанд. Дар робита ба ин, дар байни баҳисобгирии муҳосибӣ ва баҳисобгирии андоз ҷиҳати воситаҳои асосӣ мухолифат пайдо мешавад ва яке аз вазифаҳои баҳисобгирии муҳосибии муосир бартараф кардани онҳо ва пешниҳод намудани иттилооти саҳеҳ оид ба воситаҳои асосӣ дар ҳисоботи молиявӣ мебошад.

Ҳамаи ин гуфтаҳо аз муҳим будан ва мубрамии мавзуи диссертатсия, ки муҳтавои автореферати онро мо таҳлил ва арзёбӣ мекунем, гувоҳӣ медиҳад. Шиносоӣ бо автореферат ба мо имкон дод, ки ба муҳтавои диссертатсия сарфаҳм равем ва нуктаи назари худро дар бораи он иброз кунем.

Пеш аз ҳама, ҳаминро қайд мекунем, ки диссертатсияи тақризшаванда натиҷаи кори илмии арзандаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ буда, ба таҳқиқи амиқи адабиёти тахассусӣ, коркард ва таҳлили иттилооти саҳеҳ аз фаъолияти хоҷагидории корхонаҳои тиҷоратӣ асос ёфтааст. Дар он масъалаҳои мубрами баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ, мушкилоти ташаккули иттилоот оид ба воситаҳои асосӣ ва пешниҳод кардани он дар ҳисоботи молиявии субъектҳои хоҷагидорӣ ба таҳқиқ фаро гирифта шудаанд. Муаллиф муҳтавои стандартҳоеро, ки ба воситаҳои асосӣ дахл мекунанд, таҳлил намуда, фикри худро дар бобҳо ва параграфҳои алоҳида вобаста ба мазмуни онҳо дарҷ намудааст.

Аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки ҷанбаҳои назариявию методологӣ ва ҳам коркардҳои амалӣ вобаста ба мавзуъ пурра ва мукаммал мебошанд. Диссертатсия таҳқиқи аксари масъалаҳои мубрами назариявӣ ва амалии бо баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди СБҲМ алоқамандро фарогир аст, чун: аниқ кардани мафҳуми воситаҳои асосӣ ҳамчун объекти баҳисобгирии муҳосибӣ; тафсири дигар мафҳумҳои бо баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ алоқаманд; таҳқиқи усулҳо ва методологияи баҳодиҳӣ ва азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ; ошкор ва арзёбӣ кардани хусусиятҳои баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди СБҲМ; таҳлили вазъи имрӯзаи баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ дар корхонаҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муайян кардани имконияти рушди минбаъдаи он; таҳқиқи шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ дар баҳисобгирии идоракунии воситаҳои асосӣ; муайян намудани роҳҳои такмили сиёсати истеҳлок ва ташаккули иттилооти ҳисоботӣ дар бораи воситаҳои асосӣ.

Ҷиҳати ҷолиби бахши назариявии таҳқиқот муайян кардани хусусиятҳои воситаҳои асосӣ ва таъсири онҳо ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва ташаккули иттилооти ҳисоботӣ оид ба мавҷудият ва истифодабарии воситаҳои асосӣ мебошад. Дар таҳқиқот ба масъалаҳои муайян кардани муҳлати истифодаи нафъовар ва ҳисобузам кардани истеҳлоки воситаҳои асосӣ диққати муҳим дода шудааст, ки ин дуруст. Муҳим будани масъалаи истеҳлок дар баҳисобгирии воситаҳои асосӣ бо далелҳо тасдиқ карда шудааст. Баррасии масъалаҳои баҳодиҳии воситаҳои асосӣ мутобиқи СБҲМ ва тавсияҳои муаллиф оид ба корбурди усулҳои баҳодиҳӣ ва намудҳои арзиши воситаҳои асосӣ барои амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ аҳамияти калон доранд.

Муаллиф методикаи ҳисобкунии маблағи истеҳлоки воситаҳои асосиро бо назардошти арзиши барҳамдиҳӣ таҳия кардааст, ки дар он тартиби муайян кардани нишондиҳандаҳои ҳисобшаванда бо мисоли намунавӣ шарҳ дода шудааст (ҷадвали 3, дар саҳ. 19). Вобаста ба татбиқи методикаи мазкур,

муаллиф қайд мекунад, ки ҳангоми истифодаи нишондиҳандаҳои арзиши барҳамдиҳӣ ва арзиши истеҳлокшаванда зарурати таҳия намудани гузаронишҳои муҳосибии намунавӣ барои дар баҳисобгирии муҳосибӣ инъикос кардани онҳо ба миён меояд. Вобаста ба ин, ӯ кӯшодани ҳисобҳои таҳлилиро барои ҳар як ҳисоби таркибии баҳисобгирии воситаҳои асосӣ тавсия медиҳад (ҷадвали 4, саҳ 20). Ҷиҳатҳои қайдгардидаи таҳқиқот барои амалияи пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити татбиқи СБҲМ арзиши илмии баланд доранд.

Бояд қайд кард, ки ҷиҳатҳои арзишманди диссертатсия зиёд мебошанд, ки дар автореферат маълумоти мухтасар дар бораи онҳо оварда шудааст. Бо вуҷуди ин агар муаллиф дар таҳқиқот ба якчанд нуктаҳо диққат медод, арзиши илмию амалии таҳқиқот бештар мегардид. Вобаста ба ин, баъзе эродҳоро барои корҳои илмии минбаъдаи муаллиф баён мекунем:

1. Хуб мебуд, агар дар диссертатсия ба масъалаҳои баҳисобгирии воситаҳои асосӣ ва мушкилоти он дар субъектҳои бахши давлатӣ ва ташкилотҳои буҷетӣ низ таваҷҷуҳ зоҳир мегардид.

2. Яке аз мушкилоти баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ дар субъектҳои хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон ин мухолифати баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ ва баҳисобгирии андоз мебошад ва инро муаллиф низ дар автореферат тасдиқ кардааст. Дар робита ба ин, хуб мебуд, агар дар таҳқиқот масъалаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва дар ҳисоботи молиявӣ инъикос кардани иттилоот дар бораи фарқҳои муваққатӣ ба омӯзиш фаро гирифта мешуданд.

Эродҳои мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, ба арзиши илмию амалии автореферат ва диссетратсия таъсири манфӣ намерасонанд.

Автореферат фишурдаи матни диссертасияро ҷиҳати нуктаҳои асосӣ ва муқаррароти муҳими он ифода намуда, инчунин зикри натиҷаҳои бадастоварда, тавсия ва пешниҳодҳои таҳиянамудаи муаллифро дар бар мегирад, ба талаботи омодасозӣ ва барасмиятдарории автореферат, ки бо “Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо ва авторефератҳо барои дарёфти дараҷаҳои илмӣ” (бо қарори Раёсати КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, № 3 тасдиқ шудааст) муқаррар гардидаанд, ҷавобгӯ мебошад. Хулосаи автореферат натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқотро доир ба масъалаҳои баҳисобгирии воситаҳои асосӣ ва рушди методикаи он дар шароити корбурди СБҲМ дар бар гирифта, ба вазифаҳои гузошташуда, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва навгониҳои илмии диссертатсия ҳамоҳанг мебошад.

Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсия дар мавзуи «Рушди методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди стандартҳои

байналмилалӣ» тасдиқ мекунад, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст) мувофиқ буда, муаллифи он Каримиён Мадинаи Баҳодур барои сазовор донистан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) - доктор аз рӯйи ихтисос, ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) арзанда мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
н.и.и., дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» Абдураҳимов А.А.

**Имзои н.и.и., дотсент Абдураҳимов А.А.-ро тасдиқ мекунам:**

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» Ҳусейнова З.С.

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбекова 1. Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров. Тел.: 92-771-57-35, почтаи электронӣ: abdugafar58@mail.ru.

22 майи соли 2024